94870 - Дӯсташ дар фурудгоҳ кор мекунад ва ба ӯ билети ройгон меорад. Оё ӯ онро қабул бикунад?

савол

Яке аз дӯстонам дар фурудгоҳ кор мекунад ва ӯ ба ман ваъда дод, ки аз ҳисоби ширкати ҳавопаймоӣ ба ман билети ройгон меорад, аммо ман дар он ҷо кор намекунам. Оё истифода бурдани ин билет бароям ҷоиз аст ё не? Агар ба ман брон кунад, чӣ кор кунам? Оё бояд онро рад намоям?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар дӯсти шумо билетро бо роҳи ҳалол ба даст биёварад, масалан аз ҷониби ширкати ҳавопаймоӣ бидуни дурӯғ гуфтан, ришва додан ё фиребу ҳила ба ӯ тӯҳфа карда шавад, ҳеҷ боке нест, ки онро аз ӯ бипазиред.

Аммо агар онро бо роҳи ҳаром ба даст биёварад, онро қабул накунед ва дар кори харом ба ӯ кӯмак накунед.

Аллоҳ донотар аст.